МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№6 (70),
ИЮНИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН






Ҳамватанони азиз!

Ғояи Ваҳдати миллӣ дар як марҳалаи тақдирсози таърихӣ ҳамчун омили нерӯманди иттиҳоди ҷомеаи мо хизмати бузургу пурарзишро анҷом дод. Ва имрӯз вақти он расидааст, ки омӯзиши Ваҳдати миллӣ ба сифати унсури меҳварии худшиносӣ ва тафаккури миллӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва тарғиб карда шавад.

Дар ин замина, мо бояд дар шуури наслҳои имрӯзу оянда ғояҳои саодатбахши расидан ба қадри Истиқлолият ва сабақҳои сулҳу ваҳдатро тавассути барномаҳои фарогир дар байни мардум, алалхусус насли ҷавони кишвар беш аз пеш тарғибу ташвиқ намоем ва ин иқдомро пайваста вусъат бахшем.

Тақозои замон низ ҳамин аст, ки консепсияи Ваҳдати миллӣ чун қисми таркибиву тавонбахши тафаккури миллӣ эътироф гардида, ҳар як шаҳрванди кишвар ба қадри ин неъмати муттаҳидсози ҷомеа расад ва онро гиромӣ дорад.

Бо ин мақсад зарур мешуморам, ки:

Якум - мафҳуми сулҳу ваҳдат ба унвони ҷузъи таркибии тафаккури миллӣ минбаъд бояд ҳамчун василаи муҳимтарини ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ ҳамаҷониба ба кор гирифта шавад.

Зеро дар замони пуртазоди имрӯза масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти хосса касб карда, танҳо инсони дорои тафаккури миллӣ қодир аст, ки барои ҳимояи забони давлатӣ, фарҳанги миллӣ ва дигар арзишҳои милливу умумибашарӣ бо иродаи қавӣ талош варзад.

Дуюм - мақоми меҳварӣ пайдо кардани сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ дар таркиби тафаккури миллӣ барои рушди мамлакат роҳи васеътар боз намуда, пояҳои иқтисоди миллӣ ва рушди кишварро ҳамаҷониба тақвият мебахшад.

Сеюм - таҳкими аркони давлат, рушди фарҳанг ва вусъати худогоҳии шахс ва ҷомеа бо тафаккури миллӣ иртибoти мустақим дошта, дар ташаккули инсонҳои бедору огоҳ ва ватанпарвару миллатдӯст нақши василаи муқтадирро мебозад.

Дар ҷодаи расидан ба ин ҳадафҳои олӣ моро зарур аст, ки дастовардҳои даврони Истиқлолиятамонро дурусту ҳамаҷониба таҳлил намоем ва ба рӯйдодҳои таърихии замони муосир баҳои воқеӣ диҳем.

Зеро ҳодисаҳои мураккаби дунёи муосир гувоҳи равшани онанд, ки зиддиятҳои қудратҳои ҷаҳонӣ торафт авҷ гирифта, зуҳуроти даҳшатангези терроризм ва экстремизми диниву сиёсӣ беш аз пеш вусъат пайдо мекунанд ва дар минтақаву кишварҳои алоҳида хатари ба вуҷуд омадани низоъҳои нав пайдо шуда истодааст.

Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ аз ин равандҳои хатарнок дар канор буда наметавонад ва бинобар ин, мо бояд кӯшиш намоем, ки бо тақвият бахшидани пояҳои давлати соҳибихтиёрамон манфиатҳои милливу давлатии худро бо хушёриву садоқат ҳифз кунем.

Аз ин лиҳоз, тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, фаъолон ва аҳли зиё, шахсони рӯзгордидаву обрӯманд ва умуман, ҳар як фарди бонангу номуси миллат вазифадоранд, ки барои таҳкими ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва тарғиби фарҳанги миллӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, барои гирифтани пеши роҳи бегонапарастӣ ва тақлид ба фарҳанги бегона, паҳншавии ҳар гуна зуҳуроту мафкураи номатлуб ва мубориза бар зидди ифротгароӣ аз ҳамаи имконияту воситаҳо истифода намоянд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Илм он қадар зуҳуроти қаноатбахшандаи худпарастӣ нест ва касони хушбахте, ки метавонанд хешро ба иҷрои вазифаҳои илмӣ бахшанд, худашон аввалин шуда бояд донишҳояшонро ба мардум расонанд.
Пол Лафарг

ИЮНИ СОЛИ 2021

## Фалаки Ваҳдат

Бишнав, фалако, дарду мароми Пешво,
Ваҳдат оварду халқ дар нашъунамо.
Гӯянд дуо зи қалб то авҷи Зуҳал,
Ибрат шуда сулҳамон ба халқи дунё.

Бишнав, фалако, Ватан, гулафшон гаштаст,
Боло ба Ватан қимати инсон гаштаст.
Бо ҷаҳду талоши Пешвои миллат
Монанди Биҳишт Тоҷикистон гаштаст.

Бишнав, фалако, якумра шуд Ваҳдати мо,
Пайвандии сулҳи мо то авҷи Само.
Бо хоҳишу азми мардуми ин кишвар
Сарҷамъ халоиқ аз тамоми дунё.

*Ниҳонӣ*



# ВАҲДАТИ МО ИБРАТИ НЕК АСТ БАР СУЛҲИ ҶАҲОН

Дар солҳои навадуми асри гузашта халқи тоҷик ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид, ки чандин ҳазор нафар ҳамдиёронамон куштаю қариб як миллион нафар гурезаи иҷборӣ шуданд. Ҳукумати қонунӣ воқеан вуҷуд надошту бесарусомонӣ дар кишвар ҳукмфармо буд. Коршиносону сиёсатмадорони дохилию хориҷӣ ба ин ақида буданд, ки ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дуру дароз идома хоҳад ёфт ва он қариб метавонист давлати моро ба нестӣ оварда расонад. Хатари маҳв шудан ва аз харитаи ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон ба миён омада буд. Дар ин вазъият барои мамлакат сарваре лозим буд, ки барои сулху ваҳдат ҷони худро дареғ надорад ва манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои маҳалу гурӯҳ болотар гузорад.

Марҳилаи муҳимтарин дар раванди сулҳ, гуфтушуниди байни тоҷикон аст, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав сурат гирифта буд. Дар ин гуфтушунид нахустин Эъломияи муштарак оид ба оштии миллии устувор дар раванди сулҳи тоҷикон ба имзо расид. Баъдан, ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсияи тоҷик дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул ва Машҳад мулоқот гузарониданд. Ҷустуҷӯи роҳу усулҳои расидан ба сулху амонӣ барои тоҷикон зиёда аз се сол идома ёфт. Табиист, ки дар ин мулоқотҳо ҳар тараф шартҳои манфиатноки худро пешниҳод менамуд ва билохира, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав мулоқот баргузор гардид, ки бо таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ва имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ" анҷом пазируфт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба ҳамватанон муроҷиат намуда таъкид доштанд, ки "Боназардошти ин рӯҳияи илҳомбахш ва иттиҳоди ҷовидонии миллат айни муддаост, ки рӯзи 27-уми июнро дар кишварамон Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон намоем ва ин санаи фархундаро ҳар сол ба таври умумихалқӣ ид кунем".

Баробари ба имзо расидани Созишномаи




умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки моҳиятан як давраи муайяни таърихи кишварамонро инъикос менамояд, мардуми шарифи мамлакат нафаси озод гирифта, ҳамдигарро бародарвор ба оғӯш мекашиданд. Ҳалқаҳои ашки шодӣ дар чашмони азизон хувайдо буд, зеро дар зарфи ин солҳо он қадар мушкилот, он қадар нофаҳмиҳо ва он қадар гирифториву хунчигариҳо ба ҳам печида буданд, ки кушоишу ворастагии онҳо ба ҷуз аз муаммои сарбаста чизе наменамуд.

Сулҳ - оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассумгар аст.

Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, сар аз як гиребон бурун овардан, ҳамдигарфаҳму пожтинату миллатдӯст будан аст.

Ваҳдат - беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумӯи даврон, ҳастии инсон дар ҳар як замину замон аст. Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Тоҷикистон ҷонибдории мамлакатҳои ҳамзамони берунмарзӣ мақоми онро дар микёси ҷаҳон овозадор менамояд. Имрӯз иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омӯзиши Созмони Милали Муттаҳид ва бисёр ташкилотҳои олам гардидааст.

Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо ва монеаҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ мениҳад. Ба ақидаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонида бошад, медонад, дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад".

Он дарахте, ки Президентамон ба сулху ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваҳои ширину бисёре ба самар оварда истодааст, ки бо онҳо мо - тоҷикон, ифтихор мекунем. Муносибати нави давлатӣ, сиёсати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, сохтмони роҳҳои нави дохилию берунӣ ва ба хориҷи кишвар баромадани тоҷиконро ба миён гузошт. Роҳи оҳани "Бохтар (Қӯрғонтеппа)-Кӯлоб", сохтмони шоҳроҳи Ваҳдат ба мамлакатҳои Осиё, ба сӯи укёнуси ҷаҳон, роҳҳои калонтарини хушкигард расонид.

Ҳақиқатан Ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулху амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз рӯ ба инкишоф аст, иқтисодиёташ тадриҷан рушд мекунад, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ пеш меравад.

Дарвоқеъ, ҳиммати баланди бахшандагӣ ва заковату дурандешии фозилонаи Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари собиқ мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки оқибат ба дарки маънии идомаи ҷанг - идомаи тоҷиккушист ва идомаи тоҷиккушӣ фанои миллат аст, расида, дасти якдигарро бахри сулҳ ва ризоияти миллӣ фишурданд ва 27 июни соли 1997 дар Маскав зери созишномаи сулҳ имзо гузоштанд, сазовори ситоишу накӯиш аст. Ин амали ҷавонмардона ва хирадмандона, ки зиндагии хушу гуворо ва оромию осоиштагии имрӯзаро ба бор овард, дар таърихи халқи тоҷик бо харфҳои заррин сабт гашта, оиндагон онро чун як амали ибратбахш бо ифтихору сарбаландӣ ба худ қабул хоҳанд кард.

*Султонзода Ваmariч Иброҳим,*
*омӯзгори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2,*
*капитани милитсия*

## Вохӯрии Вазири корҳои дохилӣ бо хатмкунандагони Академия

Рӯзи 21-уми июн Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар маҷлисгоҳи ВКД бо хатмкунандагони Академия вохӯрии судманд намуд. Номбурда хатмкунандагонро барои бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва таъин гардидан ба вазифаҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ табрик намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон барору муваффақиятҳо таманно кард.

Дар анҷоми вохӯрӣ, хатмкунандагон изҳор доштанд, ки яқдилонаву софдилона барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳама гуна амалу кирдорҳои хилофи қонун фаъолияти худро ба роҳ монда, ба Ватан содиқона хизмат менамоянд.

*Эҳсон Абдуллозода*





# Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳанд...

Меҳвари асосии фаъолияти факултети №1-ро рушду такмили минбаъдаи маълумоти олӣ дар асоси ташкили раванди таълим, дар мутобиқат бо принсипҳои асосии маълумот дар ҷумҳурӣ ва соҳаи фаъолияти афзалиятноку тараққиёбандаи дорои аҳамияти стратегидошта ташкил медиҳад, ки заминаи онро инкишофи шахсият, ҷамъият ва давлат дар бар мегирад.

Дар ин радиф рӯзи 1-уми июн дар Академия ҷаласа доир гардид.

Ҷаласаро сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ оғоз намуда, қайд кард, ки ҷамъомади мазкур оид ба шиносоӣ бо раиси комиссияи аттестатсияи хатм, аъзо, инчунин раисон, аъзо ва котибони комиссияҳои фаннии аттестатсияи хатм, ки дар асоси фармоишҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академия таъин шудаанд, бахшида шуда, ҳамзамон дар ин раванд дигар паҳлу ва масъалаҳои алоқаманд ба раванди таълим баррасӣ мегарданд.

Баъдан, фармоиши ВКД "Дар бораи таъин намудани ҳайати комиссияи аттестатсияи хатм дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2020-2021" ва фармоиши Академия "Дар бораи тасдиқи аъзо ва котибони комиссияҳои фаннии аттестатсияи хатм дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2020-2021" аз тарафи сардори Шуъбаи таълим полковники милитсия Насуриён Пӯлод Асадулло ба самъи ҳозирин расонида шуд.

Дар идомаи ҷаласа муовини якуми Вазири корҳои дохилӣ ва ҳамзамон раиси комиссияи аттестатсияи хатм генерал-лейтенанти милитсия Аламшозода Абдураҳмон Аламшо суханронӣ намуда, махсусан қайд кард, ки вобаста ба ташкил ва баргузории имтиҳоноти хатм дар факултети №1, ҳадафи ягона аз вохӯрӣ бо ҳайати комиссияи аттестатсияи хатм - ин ба таври шаффоф баргузор намудани ҷараёни имтиҳоноти давлатӣ, роҳ надодан ба ҳолатҳои коррупсионӣ ва воқеъбинона баҳогузорӣ намудан ба донишҳои назариявии хатмкунандагон мебошад.

Мавсуф қатъиян талаб намуд, ки ба ҳолатҳои коррупсионӣ, тамаъҷӯӣ, ришвадиҳӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб роҳ дода нашавад. Дар ин самт муовини якуми Вазири корҳои дохилӣ дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамроро ба самъи ҳайати комиссия ва хатмкунандагони факултети №1 расонида, барои ба низом даровардани баъзе самтҳои фаъолияти таълимӣ фикру андешаҳои худро баён намуд ва қайд кард, ки ҳамасола дар гирду атрофи комиссияи имтиҳоноти хатм нафароне ёфт мешаванд, ки бо ҳар роҳу восита мехоҳанд ба ин раванд халал ворид сохта, аз номи кормандони масъул баромад намуда, ба миёнаравӣ машғул мешаванд, ки дар натиҷа таъсири манфии он, дар умум, ба фаъолияти кории Академия оварда мерасонад. Дар ин робита, мавсуф иловатан таъкид намуд, ки шахсони масъули комиссияи имтиҳоноти хатм дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти худро ба таври шаффоф ба роҳ монанд. Дастур дода шуд, ки вобаста ба пешгирии содиршавии ҳолатҳои коррупсионӣ ва роҳ надодан ба рафторҳои ғайриоинномавӣ аз тарафи роҳбарияти Академия мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Дар ин самт ба таври қатъӣ бояд ҷораҷӯӣ карда шавад.





Қайд гардид, ки дар асоси талаботи дастуру супоришҳои роҳбарияти ВКД, ба шахсоне, ки нисбаташон маълумоти дорои чунин хусусиятдошта ворид мешавад, фавран ҷораҳои интизомӣ, то озод гардидан аз мақомоти корҳои дохилӣ андешидан, пешбинӣ шудааст.

Дар охир, муовини якуми Вазири корҳои дохилӣ генерал-лейтенанти милитсия Аламшозода Абдураҳмон Аламшо чиҳати тақвият бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти пешгирии содиршавии ҳолатҳои коррупсионӣ, ҳар як аъзои комиссияҳои имтиҳонотии хатмро хушдор дод, ки эҳтиёткор бошанд ва ба амалҳои ғайриқонунӣ роҳ надиҳанд, ба обрӯю эътибори худ ва мақомоти корҳои дохилӣ доғ наоваранд.

Дар навбати худ, сардори Академия зимни сухани ҷамъбастӣ қайд намуд, ки риояи интизоми хизматӣ оид ба риояи пӯшидани сару либос, симои зоҳирӣ ва одоби муошират дар байни ҳайати шахсӣ низ тавсияҳо дода шуда, аз аъзои комиссияи аттестатсияи хатм талаб карда шуд, ки чунин тартибовро дар байни хатмкунандагон низ ҷорӣ ва риояи онро аз онҳо талаб намоянд.

***Ф. Қосимов,***
***сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1,***
***полковники милитсия***

# Қадрдонии курсант аз ҷониби Вазири корҳои дохилӣ



Милитсияи қаторӣ Сабрина Қодирова - курсанти курси 3 факултети №2, дар мақомоти корҳои дохилӣ аз соли 2018 хизмат ва таҳсилро адо намуда истодааст. Ӯ соли 2018 мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдаконаи ятими ноҳияи Шаҳринавро бо баҳои аъло ва интизоми намунавӣ хатм намуда, бо супоридани озмоишҳои дохилшавӣ моҳи августи соли 2018 ба ҳайси курсанти курси 1 факултети №2 қабул гардида, то ҳол бо баҳои хубу аъло дар курси 3 таҳсил намуда истодааст.

Вай иштирокчии фаъоли чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва ВКД буда, борҳо соҳиби ҷоиза ва Сипосномаву Ифтихорномаҳо гаштааст. Ӯ дар вақти таҳсил ва хизматаш ҳаракат мекунад, ки худро ҳамчун курсанти болаёқат нишон дода, тамоми Оинномаҳо ва дастурҳои ВКД-ро бечунучаро риоя намояд. Баҳри баланд бардоштани савияи донишаш кӯшиш намуда, супоришҳои роҳбарияти Академия ва факултетро дар сатҳи зарурӣ иҷро мекунад.



Бо фармоиши Вазири корҳои дохилӣ ва сардори Академия борҳо ҳавасманд гардонида шудааст.

Ва инак, ин навбат Сабрина Қодирова барандаи номи "Донишҷӯи сол" аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гашт, ки ин ифтихори Академия мебошад.

Дар маросими тантанавие, ки ба ин муносибат дар саҳни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир гардид, аз ҷониби сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ба Сабрина Қодирова мукофоти молиявии Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро супорида шуд.

***Б. Асламов,***
***Ш. Убайдуллоев***

# Курсанти Академия боз ғолиби мусобиқаи байналмилалӣ



Устоди вариши дараҷаи байналмилалӣ, курсанти курси 4 факултети №2 сержанти хурди милитсия Миҷгона Самадоваро ҳамчун чеҳраи варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҳамагон мешиносанд, ӯ ғалабаҳои нав ба нави варзишӣ ба даст меорад.

Миҷгона ҳамчун шахсияти ватандӯст борҳо Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ боло бардоштааст. Вай дорандаи 31 медали гуногун аз рӯи бозии бокси касбӣ ва кикбоксинг мебошад. Соли 2017 барандаи медали тилло дар бозиҳои Осиё дар шаҳри Ашқобод, соли 2019 дар шаҳри Маскав барандаи медали биринҷӣ ва ниҳоят соли 2021 дар шаҳри Дубай дар чемпионати Осиё, ки аз 21-ум то 31-уми май гузашт, барандаи медали биринҷӣ ва 2500 доллар маблағи пулӣ дар намуди бокси касбӣ гардид.




Дар мусобиқаҳои байналмилалӣ оид ба бокси касбӣ дар Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон моҳи июни соли 2021 Миҷгона Самадова ғалабаи навбатӣ ба даст оварда, соҳиби ҷойи якум ва медали тиллои мусобиқаи мазкур ва соҳиби 700 евро маблағи пулӣ гардид.

Миҷгона аз хурдӣ дар дил орзуи варзишгари ҷаҳонӣ ва корманди милитсияи тоҷик шуданро дошт, ки ба давлату миллат содиқона хизмат намояд.

Роҳбарияти ВКД ва Академияи он пайваста Миҷгона Самадоваро дастгирӣ менамоянд.

Бо ин дастоварди навбатӣ, яъне ба даст овардани ҷойи якум дар мусобиқаи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, роҳбарияти ВКД ва Академия Миҷгона Самадоваро самимона табрик гуфта, дар остонаи ҷашни муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ғалабаҳои нав ба навро ба ӯ таманно доранд.

***У. Олим,***
***С. Сафарзода***

# Фаъолнокӣ дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ

Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд рӯзҳои 28-29-уми май Олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони "Дониш талабу бузургӣ омӯз…" бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар олимпиада намояндагони 37 муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Намояндагони Академияи ВКД - 3 нафар курсантони курси якум, низ дар баробари муҳассилини дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, аз фанни забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар чорабинӣ ширкат варзиданд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани завқи забондонии курсантону шунавандагон, ки аз дастуру супоришҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд, дар баробари дарсҳои ҳатмӣ, барои баланд бардоштани сатҳи забондонии курсантону шунавандагон, ҳамзамон дар Академия дарсҳои иловагӣ аз фанҳои забонҳои русиву англисӣ баргузор мегарданд, инчунин гузаронидани озмуни "Забондон" дар байни курсантон, маҳфилҳои илмии курсантон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва дигар чорабиниҳо, ба сатҳи забондонии курсантон мусоидат менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки ҷиҳати дар сатҳи баланду шаффоф баргузор намудани олимпиадаи мазкур, забондонии довталабон ва ҳунару истеъдод ва ҳозирҷавобии онҳо баҳои арзанда ёфта, курсантони Академия Акбаршо Ашӯров - курсанти курси якуми гурӯҳи таълимии 102 аз фанни забони англисӣ, Фирӯз Нурматов - курсанти курси якуми гурӯҳи таълимии 113 аз фанни забони тоҷикӣ, Азиз Пӯлотов - курсанти курси якуми гурӯҳи таълимии 102 аз фанни забони русӣ низ дар қатори довталабони дигар муассисаҳои олии таълимии кишвар сазовори "Ифтихорнома"-ҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

***Азиза Давлатшоева,***
***полковники милитсия***







# Хатмкунандагон соҳиби диплом шуданд



Рӯзи 21-уми июн маросими тантанавии дипломсупорӣ ба хатмкунандагони факултети №1 баргузор гардид.

Ин чорабинии тантанавиро сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ огоз намуда, меҳмонон ва иштирокчиёни чорабиниро ба ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хайрамақдам гуфта, хатми муваффақонаи шунавандагонро дар роҳи эъмори ҷомеаи демокративу сулҳпарвар ва афзудани заминаи кадрии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим арзёбӣ намуд.

Сипас, хатмкунандаи факултети №1 Шоҳрух Нидоев аз номи тамоми хатмкунандагон ба роҳбарияти ВКД ва омӯзгорони Академия барои таҳсил дар ин даргоҳи илму маърифат арзи сипос намуд.

Дар охири чорабинии мазкур сардори Академия бори дигар ба хатмкунандагон садоқату самимият, хизматгузорӣ ба халқу Ватан ва аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ бомаданро таманно намуд.

***С. Сафарзода,***
***О. Ҳайдарзода***

# Бонувон нозукиҳои меҳмондориро омӯхтанд



Дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", бо ибтикори сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ва муовини сардори Академия оиди кор бо ҳайати шахсӣ полковники милитсия Собирзода Аловудин Ҷаббор курсҳои меҳмондорӣ ва дастархондорӣ баргузор гардид, ки дар он духтарону бонувони Академия муддати як моҳ дар заминаи ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолона таҳсил намуданд.

Ба онҳо омӯзгорон аз Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон нозукиҳои меҳмондорӣ ва дастархондориро омӯзониданд.



Рӯзи 9-уми июн дар вазъияти тантанавӣ ба духтарону бонувони Академия аз ҷониби муовини сардори Академия оид ба илм полковники милитсия Саидзода Зикрулло Алӣ Сертификати хатми курсҳои мазкур супорида шуд.

Ҳамзамон, барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар таълиму тарбия, вобаста ба мавзӯи меҳмондорию дастархондорӣ, аз ҷониби сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ ба ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Асрорзода Убайдулло Саттор Сипоснома тақдим карда шуд.

***Б. Асламов***

# Маҳфили суханварӣ ва журналистика дар Академия



Дар доираи татбиқи саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мулоқот бо ҷавонони кишвар, ки санаи 21-уми майи соли 2021 баргузор гардид, бо ибтикори сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, дар назди назди Шуъбаи адъюнктура маҳфили суханварӣ ва журналистика таъсис дода шуд. Ба кори он нозири калони Шуъбаи таълим капитани милитсия Шариф Зоиров дар ҳамоҳангсозӣ бо Шуъбаи адъюнктура роҳбарӣ менамояд.



Дар маҳфил омӯзгорони варзида аз истеъдоди суханварӣ ва маҳорати журналистика дар мақомоти корҳои дохилӣ дарс мегӯянд. Баъди хатми курсҳои маҳфил аъзои он ба навиштани мақолаҳои публитсистӣ ва суханварӣ дар Маркази матбуоти ВКД, шабакаҳои телевизионӣ ва радиоии ҷумҳурӣ сафарбар гашта, ҳаёт ва фаъолияти Академия ва мақомоти корҳои дохилиро дар расонаҳои ахбори умум инъикос менамоянд.

***Ш. Убайдуллоев,***
***Д. Камолов***

# Мизи мудаввар дар мавзӯи "Зӯроварӣ дар оила"



Рӯзи 3-юми июн дар толори Шӯрои олимон бо ибтикори кафедраи такмили ихтисоси факултети №3, шунавандагон аз Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД ва омӯзгорону курсантон мизи мудаввари академиявӣ дар мавзӯи "Зӯроварӣ дар оила: таърих, проблемаҳои мафҳуми он дар қонунгузории амалкунанда ва вазъияти имрӯзаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардид.

Сухани ифтитоҳиро муовини сардори Академия оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия Саидзода Зикрулло Алӣ оғоз намуда, қайд кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи оила таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз ҷумла таъкид менамоянд, ки: "Оиладорӣ фарҳанги бузурги ҳисси ватандорӣ аст. Агар оила солим бошад, назару андешаҳо, иқдому амалҳо дар зиндагӣ солим ва дар маҷмӯъ, ҷомеа солим мегардад".

Сипас, маърӯзаҳои зерин шунида шуданд: Саидзода З.А. - муовини сардори Академия оид ба илм, полковники милитсия, маърӯза дар мавзӯи "Нақши ҳуқуқи исломӣ дар пешгирии зӯроварӣ дар оила"; Насуриён П.А. - сардори Шуъбаи таълим, полковники милитсия, маърӯза дар мавзӯи "Проблемаҳои татбиқи амалии меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила"; Ф. Хайруллоев - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, маърӯза дар мавзӯи "Проблемаҳои мафҳуми зӯроварӣ дар оила дар ҳуқуқи маъмурӣ"; А. Арипов - сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2, подполковники милитсия, маърӯза дар мавзӯи "Порядок производства по делам связанным с насилием в семье"; Абдурашидзода А.А. - котиби Шӯрои олимон, полковники милитсия, маърӯза дар мавзӯи "Хавфи зӯроварии рӯҳӣ дар оила"; Муҳаммад С.А. - сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2, подполковники милитсия, маърӯза дар мавзӯи "Зӯроварӣ дар оила"; Заробидинзода С.З. - сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2, капитани милитсия, маърӯза дар мавзӯи проблемаҳои муайян намудани мафҳуми зӯроварӣ дар оила дар ҳуқуқи ҷиноятӣ".

*Б. Асламов,*
*полковники милитсия*

# МАВЗӮИ СЕМИНАР:
# "Пешгирӣ ва барҳам задани бетартибиҳои оммавӣ"



Рӯзи 8-уми июн дар факултети №4 бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматӣ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи "Пешгирӣ ва барҳам задани бетартибиҳои оммавӣ" бо иштироки муовини сардори факултет оид ба қисми таълим полковники милитсия Н. Муҳаммадиев, муовини командири қисми ҳарбии 3501 Раёсати Қӯшунҳои дохилии ВКД оид ба тайёрии ҷангӣ подполковник Аламшозода И.Т., нозири калони ҳифзи тартиботи ҷамъиятии РВКД дар вилояти Суғд подполковники милитсия Р. Турсунов, сардори шуъбаи хизмати РХДО майори хизмати дохилӣ С. Ҷӯраев, устодону омӯзгорон ва курсантон баргузор гардид.

Семинари илмиро бо сухани ифтитоҳӣ муовини сардори факултет оид ба қисми таълим Н. Муҳаммадиев оғоз бахшида, ба хатмкунандагони гурӯҳи Қӯшунҳои дохилӣ хотиррасон кард, ки онҳо пас аз хатми Академия дар ҷузъу томҳои Қӯшунҳои дохилӣ ба вазифаҳои гуногун таъин мешаванд ва барои ба сарбозони навдаъват омӯзонидани рукнҳои асосии банақшагирӣ ва гузаронидани амалиёти махсус оиди пешгирӣ ва барҳам задани бетартибиҳои оммавӣ бояд омода бошанд.

Дар рафти семинар, инчунин муаллими калони кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматии факултет подполковник Исмоилзода О.Н. дар мавзӯи "Банақшагирии амалиёти махсуси "Гирдбод"", муовини командири қисми ҳарбии 3501 РКД ВКД оид ба тайёрии ҷангӣ Аламшозода И.Т. дар мавзӯи "Вазифаҳои Қӯшунҳои дохилӣ ҳангоми амалиёти махсуси "Гирдбод"", нозири калони ҳифзи тартиботи ҷамъиятии РВКД дар вилояти Суғд подполковники милитсия Р. Турсунов дар мавзӯи "Вазифаҳои ситоди оперативӣ ҳангоми амалиёти махсуси "Гирдбод"", сардори шуъбаи хизмати РХДО майори хизмати дохилӣ С. Ҷӯраев дар мавзӯи "Вазифаҳои ҳадамоти оташнишонӣ дар амалиёти махсуси "Гирдбод"" бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Дар хотимаи семинари илмӣ-назариявӣ байни иштирокчиён саволу ҷавоб сурат гирифта, масъулини соҳа доир ба моҳият ва мафҳуму муҳтавои амалиёти махсус оид ба пешгирӣ ва барҳам задани бетартибиҳои оммавӣ ибрози андеша намуданд.

*Абдукаримзода М.А.,*
*муаллими кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматии факултети №4,*
*лейтенанти калони милитсия*

# Коррупсия - таҳдид ба оромии ҷомеа

Яке аз сутунҳои асосии давлату давлатдорӣ соҳаи иқтисод мебошад. Албатта иқтисоде, ки холӣ аз паҳлӯҳои манфӣ буда, нақши "иқтисоди пинҳонӣ" дар он назаррас набошад. Дар акси ҳол, давлату ҷомеа наметавонанд, ки ба шароити рақобати шадиди иқтисоди ҷаҳонӣ тоб оварда, боиси касод гаштани тамоми зерсохтори соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гарданд. Агарчанде имрӯзҳо фарзандони барӯманди миллатамон пайи ободиву рушди босуръати ҳаёти иқтисодӣ кӯшишҳо ба харҷ дода истодаанд, аммо ҳастанд нафароне, ки бо амалҳои манфурона ва хоинонаи худ меҳоҳанд решаҳои инкишофёфтаистодаи ҷомеаи моро заиф намуда, нафси худро қонеъ гардонанд. Бадбахтона, чунин амалҳо метавонад боиси норозигии аҳли ҷомеа нисбат ба давлату давлатдорӣ гашта, сатҳи нобоварии аҳолиро зиёд намояд. Манзур аз чунин амалҳои дар боло зикршуда - кирдорҳои коррупсионӣ, саркашӣ аз напардохтани андоз, пинҳон намудани даромадҳои худ аз сохторҳои масъули расман фаъолияткунанда мебошанд, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо иқтисоди пинҳонӣ дар ҷомеа зиёд шуда, ба ноустувории иқтисоди миллӣ оварда мерасонад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубориза бар зидди коррупсия басо назаррас мебошанд. Ба ин муносибат, дар чорабинии бахшида ба даҳсолагии таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия чунин қайд намуданд: "Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад. Ҳамзамон, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи маблағҳои ғайримақсадноки давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад. Ин зуҳурот решаҳои хеле қадима дошта, мутаассифона имрӯз ба мисли терроризм ва экстремизм ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст. Заминаҳои пайдоиши ин зуҳуроти номатлуб, ҳанӯз дар аҳди бостон ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зарарасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод карда шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд...".

Ин ҷо аз натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби Агентии давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар байни аҳолӣ (88 ҳазор пурсидашудагон) гузаронида шуд, ёдовар шудан ба маврид аст, ки тибқи натиҷаи он, аксар амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби он муассисаҳое содир шудаанд, ки худ вазифаи мубориза зидди коррупсияро доранд. Яъне, ҳамон нуктае, ки Пешвои миллат иброз доштанд: "Коррупсия ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ..", имрӯз бештар ба чашм мерасад.

Албатта, барои мо маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бар зидди ин зуҳуроти номатлуб роҳи муборизаи беамонро пеш гирифтааст, ки асосҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт гувоҳи он мебошад. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия" (21.07.1999), таъсиси Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия ва комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия, Конвенсияи СММ зидди коррупсия ва ғайра.

Бо назардошти он, ки коррупсия зуҳуроти хатарноки глобалӣ маҳсуб меёбад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2003 яке аз аввалинҳо шуда ба шабакаи зиддикоррупсионии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд шомил гаррдид. Ҳамзамон, бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" қабул карда шуд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии бахшида ба даҳсолагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия иброз доштанд: "...бо итминон метавон гуфт, ки Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои муқовимати самаранок ба ин зуҳурот муваффақ шудааст".

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки аллакай тамоми шароити зарурӣ баҳри ба роҳ мондани муборизаи беамон бар зидди коррупсия мавҷуданд, фақат азму иродаи устувори Ватандӯстӣ ва бедориву огоҳии ҳамаи аъзои ҷомеа метавонад, ки ба чунин ҳадафи созанда мусоидат намояд. Ва бетарафӣ ихтиёр намудан дар ин самт боиси оқибатҳои ногувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ шуда метавонад.

*М. Сафаров,*
*муаллими кафедраи*
*фанҳои ҷамъиятии факултети №2,*
*майори милитсия*

# Терроризм чист?

Терроризм аслан вожаи фаронсавӣ буда, онро дар забони тоҷикӣ дар шакли ваҳшату даҳшатангезӣ ва ҳаросафканиву тарсангезӣ шарҳ додан мумкин аст. Ин зуҳурот дар шаклҳои мухталиф бо истифода аз хушунат ва ё таҳдид ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва ё идеологӣ рӯйи кор омадааст. Ба ибораи дигар, амалест барои таҳмили иҷбории ақидаву андеша ба дигарон аз тариқи зӯроварӣ, ҷангу террор, хушунат, ошӯб, куштор ва кирдорҳои дигар ба монанди куштори дастаҷамъӣ, наслкушӣ, шиканҷа ва табаддулоти давлатӣ. Ҳар касе, ки чунин амалҳоро анҷом медиҳад, террорист номида мешавад.

Дар рӯзгори навин "терроризм", тибқи муқарраротҳи қонунгузории аксари кишварҳои ҷаҳон, ҷурм ва ё ҷиноят маҳсуб меёбад, зеро ин амал дар мавриди шаҳрвандони одӣ, нерӯҳои бетараф ва ё асирони ҷангӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити кунунӣ як бахши густурдаи созмонҳои сиёсии чапгаро, ростгаро ва миллатгаро, гурӯҳҳои мазҳабиву нерӯҳои инқилобӣ ва ҳатто давлатҳои алоҳидаи пуркудрат барои амалисозии ҳадафҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиашон даст ба аъмоли террористӣ мезананд.

Аслан, "терроризм" аз инқилоби Фаронса (соли 1791) маншаъ мегирад. Лекин ин калима он вақт маънои мусбат дошта, дар баробари пешрафту тараққӣ истифода мешуд.

Лозим ба ёдоварист, ки "терроризм"-ро бо "террор" якмаъно пиндоштан иштибоҳ аст. Ин ду вожа аз ҳам фарқ мекунанд. Ғолибан "террор"-ро назарияи ситамгаркушӣ мепиндоранд. Террор ин тарсонидани рақибони сиёсӣ аз тариқи зӯроварии ҷисмонӣ ва ё таҳдидкунист. Терроризм бошад, андешаест ва ё амалест вобаста ба коргирӣ аз сабки муназзами зӯроварӣ.

Дар сиёсат падидаи дигаре ҳаст бо номи "терроризми давлатӣ", ки маншаъ мегирад аз амали ғайриқонунии гурӯҳи муайяни зимомдорон ҷиҳати саркӯб намудани мухолифонашон аз тариқи тарсонидан ва ҳаросангезӣ.

Аз ҷониби дигар, "терроризми давлатӣ" мафҳумест, ки моҷароро бармеангезад. Аз ҷумла, аъмоли давлатҳое, ки ба умури давлатҳои дигар мудохила мекунанд, ё амалиёти низомӣ ва ё террористиро ҷиҳати завол ва тазъифи давлате ва ё дастгоҳи идории он анҷом медиҳанд, аз ҳамин гуна амалҳост.

Кумакҳои моддиву маънавӣ ба гурӯҳҳои мухолиф бо мақсади ҳимояти сиёсӣ, инчунин даст доштан дар амалиёте чун бомбагузориву минахобонӣ дар бандарҳову соҳилҳо, дуздидани афроду одамрабоӣ бидуни тафтишоту ҳукми суд аз ҷониби сохторҳои қудратӣ ва боздошти ғайриқонунӣ, қатлу эъдоми шаҳрвандон, ҳавопайморабот ва мавриди ҳамла қарор додани мансабдорони олии давлатӣ низ ба терроризми давлатӣ шомил мешаванд.



Шакли дигари терроризм низ вуҷуд дорад, ки барои даҳшатафканӣ истифода мешавад. Дар ин самт амали террористии 11 сентябри соли 2001 дар Амрико ба вуқӯъ пайвастаро мисол овардан мумкин аст, ки бар асари он бурҷҳои дугоники Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ аз байн бурда шуданд.

Дар баробари терроризми давлатӣ терроризми ғайридавлатӣ низ вуҷуд дорад. Тафовут байни ин ду зуҳурот вобастагӣ дорад ба иҷрокунандагони онҳо. Тарроҳон ва иҷрокунандагони амалҳои террористии ғайридавлатӣ ашхос, гурӯҳҳо ва ҳизбҳое ҳастанд, ки ба як ва ё якчанд давлати хос иртибот доранд.

Дахолати як давлат ва ё чанд давлат дар амали террористӣ ба ду шева анҷом дода мешавад:

1. Ба таври мустақим, яъне худи давлат амалҳои террористиро дар муқобили давлати дигар анҷом медиҳад.

2. Ба сурати ғайримустақим - аз тариқи расонидани кумакҳои моддиву низомӣ, аз қабили дастрас намудани аслиҳаву муҳиммот ва воситаҳои дигари ҷангӣ ба мухолифони давлате, инчунин дастгирии сиёсиву иқтисодӣ ва идеологӣ.

Сиёсатшиносон низ фаъолияти ниҳодҳои террористиро аз лиҳози хусусият ба ду шева муайян намудаанд:

1. Терроризми ғайримуташаккил ва инфиродӣ. Дар ин маврид як ва ё якчанд амали террористӣ тавассути як ё ду нафар анҷом дода шуда, аз он ҳеҷ як аз ташкилоту созмонҳо пуштибонӣ намекунанд. Ғолибан чунин амалҳои террористиро ашхосе анҷом медиҳанд, ки аз лиҳози ақлониву равонӣ солим нестанд, яъне нуқси равонӣ доранд ва дарк намекунанд, ки чаро ин корро амалӣ месозанд.

2. Фаъолияти террористии муташаккил ва дастаҷамъӣ, ки тавассути ташкилоте (масалан Ал-Қоида, ДОИШ ва ғайра) тархрезӣ ва амалӣ мегардад. Мавриди зикр аст, ки терроризми муташаккилона аз шаклҳои мураввач ва интишорёфтаи ин падида дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Терроризм вобаста ба ҳадаф ба се гурӯҳ ҷудо мешавад:

1. Миллӣ, ки бо мақсади ҷудошавӣ (сепаратистӣ) ва ё озодихоҳии миллӣ анҷом дода мешавад.

2. Динӣ, ки метавонад дар мубориза байни пайравони мазҳабҳову динҳои мухталиф ва ё дар дохили як мазҳаб ҷой дошта, мақсадашон аз байн бурдани ҳокимияти дунявӣ бошад.

3. Идеологиву иҷтимоӣ, ки ҳадафаш иборат аст аз тағйир додани низоми иқтисодиву сиёсии кишвар ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба ягон мушкилоти ҷиддӣ. Баъзан ин навъи терроризмро "инқилоб" ҳам гуфтаанд. Падидаҳои анархистӣ ва ё ошӯбталабӣ, эсерӣ ва фашистиро метавон ба ҳамин навъи терроризм шомил намуд.

Муҳаққиқони мавзӯи терроризм ду намуди стратегияи имконпазири мубориза ро алайҳи ин зуҳурот муайян намудаанд: стратегияи прогрессивӣ, ки қисман ба қонеъ гардонидани талаботи террористон - пардохти як қисми фидя ва гузаштқунии худудиву маънавӣ (масалан, эътирофи ғаниматҳои дар дасти террористон қарордошта, эътирофи саркардагони террористон ба ҳайси ҳамбоз зимни мулоқот ва мавридҳои дигар) ва стратегияи консервативӣ (муҳофизакорӣ), ки дар ин маврид террористону ҳаммаслаконашон бидуни қайду шарт ва гапу гузор аз байн бурда шуда, лекин нисбати шахсоне, ки меҳоҳанд бо ниҳодҳои демократӣ ҳамкорӣ намоянд, гузашт карда мешавад.

Агарчи, имрӯзҳо перомуни "терроризм" баҳсу мунозираҳо хеле зиёданд, лекин таърифи дақиқи ин вожа то ҳол ироа нашудааст. Ин фикр бар он маънист, ки ҳанӯз аз ҷониби муътабартарин ниҳоди олии байналмилалӣ - Созмони Милали Муттаҳид, мафҳуми "терроризм" тавре таъриф нашуда, ки мавриди мувофиқа ва писанди ҳамаи аъзои ин созмон қарор гирифта бошад.

*Сипеҳр Содиқӣ,*
*курсанти факултети №2*

# Ҷумла дастовардҳои миллат аз Ваҳдат бувад



Бо ибтикори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2, дар доираи ҷамъияти илмии курсантони "Дӯстдорони илмҳои ҷомеашиносӣ", санаи 15-уми июн семинари илмӣ-назариявӣ зери унвони "Ваҳдати миллӣ - асоси пешрафти ҷомеа", бахшида ба 24-умин солгарди Рӯзи баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори семинари илмӣ роҳбарияти Академия, намояндагони Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр, олимону коршиносони соҳа, омӯзгорони ботаҷриба ва аъзои ҷамъияти илмии курсантони "Дӯстдорони илмҳои ҷомеашиносӣ" иштирок намуда, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карданд.

Албатта, доир гардидани чунин ҷамъомадҳои илмӣ, конфронсу семинарҳо ва мизҳои мудаввар, пеш аз ҳама ба хотири арзиши бунёдӣ доштани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ буда, аз нигоҳи илмиву таҳлилӣ баррасӣ намудани он паҳлуи дигари семинари илмиро ташкил медиҳад.

Семинари мазкур бо суханони ифтитоҳии роҳбарияти Академия кушода шуда, ба ҳамаи иштирокчиёни он барору комёбӣ ва рӯзгори орому осуда таманно гардид.

Бояд зикр намуд, ки махз имзои ин санади тақдирсоз, ки бо ҷоннисориҳои фарзанди сарсупурда ва ҷонфидои халқ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, Тоҷикистони азизи мо аз вартаи ҳалокат ва нобудии сиёсӣ раҳо ёфта, ҳоло чун кишвари дорои амнияту суботи комил ба ҷаҳониён бехтарин намунаи ваҳдатофарӣ, яъне моделли хоси сулҳро пешниҳод намуда, дар раванди ҳалли мушкилоти сайёраи инсонӣ ҳиссагузор мебошад.

Паҳлуи муҳимтарини семинари илмиро масъалаи ҷойгоҳ ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу Ваҳдат дар Тоҷикистон ташкил медод, ки дар ин бахш кору пайкори созандаи ин абармарди дунёи сиёсат мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуд.

Инчунин, яке аз бахшҳои алоҳидае, ки ба он таваҷҷуҳ зоҳир гардид, нақши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни Қӯшунҳои дохилии ВКД дар баркарорсозии Ваҳдати миллӣ мебошад. Дар ин бахш низ маърӯзаҳои алоҳида манзур гардида, аз далериву мардонагии он кормандону хизматчиёне, ки бар ивази ҷони хеш амнияту суботи ҷомеаро ҳифз намуда, мактаби қаҳрамониро ба насли имрӯзи милитсияи тоҷик ҷовидон боқӣ гузоштаанд, ёдоварӣ карда шуд.

Дар интиҳои семинари илмӣ-назариявӣ аз ҷониби роҳбарияти Академия ба масъулини шуъбаҳо, факултетҳо, кафедраҳо ва дигар субъектони дахлдор супориш дода шуд, ки натиҷаҳои кори семинари илмиро дар ҷараёни таълим ҷорӣ намуда, дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ ва илмӣ-тадқиқотии хеш васеъ истифода намоянд.

***Самиъзода Б.С.,***
***подполковники милитсия***



# Конференсия бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ

Тибқи нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия, рӯзи 16-уми июн дар факултети №4 конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 24-умин солгарди Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи "Ваҳдати миллӣ - бахтномаи миллат" баргузор гардид.

Чорабинии мазкурро муовини сардори факултети №4 оид ба қисми таълим полковники милитсия Н. Муҳаммадиев оғоз бахшида, аз таърихи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, омилҳои таҳкими Истиқлолият дар кишвар, муҳимтарин шарти ободию осудагии ҷомеа ва пойдор гаштани сулҳу ваҳдат суханронӣ намуд.

Мувофиқи нақша, саравал доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров В. Набиев дар мавзӯи "Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори Ваҳдати миллӣ", сипас муаллимаи калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №4 майори милитсия Ҳ. Олимӣ дар мавзӯи "Саҳми ҷавонон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ" ва муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети мазкур лейтенанти калони милитсия И. Самадзода дар мавзӯи "Ваҳдати миллӣ - поягузори сулҳ" баромад намуданд.

Сухани ҷамъбастиро муовини сардори факултети № 4 оид ба қисми таълим полковники милитсия Н. Муҳаммадиев ба самъи ҳозирин расонида, қайд намуд, ки ҳаёти доимӣ ва тағйирёбандаи факултет ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки барои муҳофизати ҳуқуқи шаҳрвандон мутахассисони баландихтисосро омода намоянд.

Чорабинӣ хеле шавқовар гузашт, чунки байни меҳмонон ва иштирокчиён саволу ҷавоб ва баҳсҳои хусусияти илмидошта сурат гирифт.

Дар охир, аз номи роҳбарияти факултет ба маърӯзачиён туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

***Ф. Абдуллозода,***
***муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №4,***
***лейтенанти калони милитсия***

*Муслима Давлатова,*
*нозири Шуъбаи кадрҳо*
*ва кор бо ҳаёти шахсӣ*



## *Кишвари воломақом*

*Тоҷикистон, кишвари воломақоме дар ҷаҳон,*
*Тоҷикистон, чун саодат парчамат партавфишон.*
*Бо садоқат, бо муҳаббат, пора-пора буданатро ҷамъ кард,*
*Ҳар канори хору хас гардидаатро сабз кард.*
*Мардуми сарсону саргардонро сарҷамъ кард,*
*Миллати тоҷикро ӯ дар ҷаҳон боадл кард.*
*Тоҷикистонро на ҳар кас Тоҷикистон мешинохт,*
*Тоҷикистонро чу давлат Сарвари миллат кард.*
*Бо далериву шуҷоат байни тиру тани рафт,*
*Бо ғуруру ҳисси миллӣ ҷон фидои халқ кард.*
*Дода аз даст умри хеш, лек дар канори халқ монд,*
*Ҳар канори бударо ободтару гулгашт кард.*
*Фахр мекунам бо ин Сарвар, бо ин шери замон,*
*Тоҷикистонро биҳиштосо дар ин олам кард.*



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.** *Сардори Академияи ВКД*
**Кабирзода Ҷ.Ҳ.** *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
**Саидзода З.А.** *Муовини сардори Академияи ВКД*
**Ализода А.Ш.** *Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха